**Қарори № 10** аз 04 сентябри соли 2020

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба қабули рисолаи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” барои ҳимоя.

**Раис:** Аз шумораи умумии 19 нафари аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси - 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) -и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 15, аз 27 апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, 15 нафар аъзо иштирок доранд, аз онҳо 8 нафар докторон аз рӯйи ихтисос мебошанд. Оид ба оғоз намудани ҷаласа пешниҳод ҳаст?

Пешниҳод шуд, ки шӯро ба кор оғоз намояд. Кӣ тарафдори он, ки шӯро кори худро оғоз намояд, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф- нест. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**Рӯзнома**:

Оид ба қабули рисолаи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” барои ҳимоя.

Кӣ тарафдори рӯзномаи ҷаласа, хоҳишмандам овоз диҳед. Рӯзнома якдилона қабул шуд.

Барои пешниҳоди хулосаи комиссияи экспертӣ ба рисолаи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” сухан ба раиси комиссияи экспертӣ д.и.п., профессор Алиев С. Н. дода шуд.

**Алиев С.Н.**: Комиссияи экспертӣ дар хулосаи худ қайд намудааст, ки доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” ба иҷозатномаи ихтисоси 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст. Рисола ба талаботҳои муқарраргардидаи КОА -и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳои номзадӣ, ки дар бандҳои 12, 13, 14, 15- ва 16-и Низомномаи Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 “ Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия дода мешавад.

**Раис:** Ба раиси комиссияи экспертӣ оид ба хулосаи экспертӣ савол доред? Савол нест.

**Раис:** Ташаккур. Ба мо лозим аст, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбарро ба диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович муайян ва таъин намоем. Чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо ҳастанд?

Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Эмомов Исматулло -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Раис:** Кӣ тарафдори пешниҳоди мазкур, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Пешниҳод якдилона қабул гардид. Ташаккур.

**Раис:** Пешниҳод гардид, ки ҳимояи рисолаи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович санаи 19 декабри соли 2020, соати 10.00 таъин гардида, барои чопи автореферат иҷозат дода шавад. Хоҳишмандам овоз диҳед.

Тарафдор? – 15 нафар.

Муқобил? – нест.

Бетараф? – нест.

-Якдилона қабул шуд.

**Раис:** Ташаккур. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба қабул ба ҳимояи диссертатсияи номзадии Шарипов Хуршед Алихонович пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ** **Сайфуллоев Х.Ғ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ** **Дадобоева М.С.**